# 02 08 2019




Хар кадар ки аз соли 1997 - соли муборaки имзо шудани Созишномаи умумии истикрори сулх ва ризоияти миллӣ бо хукми таърих дуртар биравем, хамон андоза арзиши таърихии он барои миллат ва давлати Точикистон бештар ва амиктар дарк мешавад. Инак, тӯли 22 сол аст, ки дар мамлакат вахдати миллӣ ва хамбастагии мардум ба маънои томаш татбик шудааст.

Бо даргузашти вакт вахдат хамчун идеяи муттахид намудани миллат ба яке аз рукнхои асосии андешаи миллӣ ва идеологияи миллӣ табдил ёфт ва ин раванд комилан табиист. Зеро ба чуз вахдати миллӣ гояи фарогиртаре, ки тамоми кишрхои чомеаро ба хам оварда ва барои расидан ба зиндагии шоиста дар чомеаи конунсолорӣ мусоидат мекарда бошад, вучуд надорад. Накши дин, бахусус мазхаби ханафии он, ки кулли мардуми точик шарафи пайравии онро доранд, дар ташаккул ва устувории вахдат хеле бузург аст, балки метавон гуфт, ки бидуни эътирофи арзишхои динӣ дар ин масъала худи гояи миллӣ ё андешаи миллӣ побарчо буда наметавонад. Ин аст, ки вахдатро бе арзишхои дин ва хам бе арзишхои давлатдории миллӣ тасаввур кардан номумкин аст.

Дин дар чомеаи точик хамеша чузъи асосии фарханги миллӣ буд ва вахдат низ чузъи таркибии фархангу тамаддуни мо дар асри хозир ба шумор меояд. Холо бо гузашти 22 сол сару садохое пахн мешавад, ки гӯё бо катъи фаъолияти хизби исломӣ ва экстремистию террористӣ эътироф шудани он маъно ва мазмуни вахдат аз миён рафтааст. Комилан нодуруст аст ин муддао. Аввалан, замони имзои Созишномаи сулхи сартосарӣ нахзатиён чузъе аз иттиходи мухолифин буданд, баъдан дар ягон санади сулховар зикр нашуда буд, ки чиноят содир кардан зидди манфиатхои миллӣ авф хохад шуд.
Масъалаи дигар дар робита бо вахдат ин аст, ки ин мафхум хоси ин ё он кишри алохида нест, дар чорчӯбаи фахми вахдат тамоми миллат ва тамоми кишрхои он шомил мешаванд. Яъне вахдат идеяи сартосарист, образнок бигӯем, чароге хаст, ки рохи миллат ва чомеаро барои рушду тараккӣ равшан мекунад. Тамоми пешрафтхои давлат махз дар

заминаи вахдат шуда метавонад, ончунон ки рох хамвор набошад, гардиши наклиёт номумкин мешавад.
Вахдат хамеша дар мукобили парокандагиву нифок ва парешониву навмедӣ тасаввур мешавад. Дунёеро, ки барои зисти бани башар офаридаанд, хамеша дукутба буд ва то кунун чунин хаст, зиддиятхое, аз кабили сиёху сафед, рӯшаниву торикӣ, некиву зиштӣ, хубиву бадӣ, ростиву дурӯг, фиребу дурустӣ, баракату бебаргӣ, хушёриву девонагӣ, гасбкориву бахшандагӣ ва гайрахо. Ин зиддиятхо чунон зиёданд, ки дар шумори онхо кас рахгум мезанад. Ва хамин такобулхост, ки инсоният хамеша дар рохи расидан ба максуд, дар ташхиси муайян кардани неку бади зиндагӣ хамеша ихтиёр дошт ва дорад. Агар иродаи инсон ба сӯи бахту саодат бошад, ӯ рохи ростиро интихоб мекунад ва агар баръакс бошад, вайрониву зулмат чун губори фасли поиз пеши чашмро хира хохад кард. Вахдат низ аз чумлаи хамин такобулхост, ки дар пешорӯи он парешониву сарафкандагӣ карор дорад. Олимони чомеашинос баршумурдаанд, ки бештар аз хаштод тамаддунхои инсонӣ дар масири таърих аз набудани вахдат, дуруст муайян накардани зиндагии мураттаб аз ахлоки поки инсонӣ ба футур рафтаанд. Миллатхо ва кавмхои бешуморе ба иллати нофахмихо дар сохтмони як чомеаи адолатпарвар дучори фочиахо шудаанд. Ин холат дар хофизаи таърихии халкхову миллатхо дар шакли асотиру афсонахо ва наклу ривоятхо бокӣ мондаанд.
Кавмхо ва давлатхое будаанд, ки ба авчи тамаддун расида буданд, аммо ба иллати ба чомеаи онхо ворид шудани омилхои чудоиангез, акоиди бегона ва зиёновар, хамчунин бар асари гуруру такаббур ва дигар омилхои нифоковар тобеи дигар сарзаминхо шуданд, асолати миллии худро аз даст доданд ва ба таркиби дигар тамаддунхо даромехтанд. Ин гуна мисолхоро аз таърих зиёд овардан мумкин аст.
Абдурраауфи Фитрат, вакте ки ахволи бади мардуми Бухороро дар ибтидои асри 20 ба мушохида гирифт, дар «Рахбари начот» ном асараш ба хулосае омад, ки сарчашмаи хамаи бадбахтихои мардум аз ду чиз беш нест: яке хирс ва дигаре галати мухокимот. Аз ин ду, ба назари мо, галати мухокимоташ хатари бештар дорад, зеро хамин ки дар мафкура галат ташаккул ёфт, инсонхоро ба рохи нодуруст мебарад.
Мисоли дигар. Соли 184 то милод дар Рим Катон ном сиёсатмадор баробари сензор интихоб шуданаш муборизаро барои пешгирии вуруди афкору одатхои барои чамоаи Рим хавфнок эълон намуд. Хамон акидаву одат ва расму ойинхое ичозат дода мешуд, ки барои муттахидии обшинаи Рим мусоидат мекарданд.
Ё боз мисоли дигаре. Солхои сиюми асри гузашта Икбол баъди сафаре, ки ба Афгонистон, хусусан шахрхои Кобулу Газна ва Кандахор дошт, маснавие навишт бо унвони «Мусофир». Шохи Афгонистон Мухаммад Нодиршох ва фарзанди ӯ – Зохиршохро хушдор дод, ки рӯ ба маорифпарварӣ, рӯ ба илму мактаб биёрад, вагарна ин кишварро окибатхои номатлубе интизор аст…
Миллати точик дар ахди Сомониён ба куллаи тамаддуни хамондавра расида буд, сарзаминхои пахноваре дошт, истиклоли мувофик ба давлати абаркудратро касб карда буд. Аммо, тавре ки мегӯянд, бало аз дарун бархост ва ин кишвари пахновару мутараккӣ ба ихтиёри онхое гузашт, ки тархи парокандагии онро хеле бодиккат кашида буданд. Сомониён натавонистанд, ки як стратегияи дуруст таррохишудаи пешрафтро амалӣ кунанд, баъдан адолати ичтимоӣ низ дар баробари дигар авомил нукси зиёде пайдо карда буд. Хукумат ба бегонагон гузашт ва натичааш хамин шуд, ки баъди хазор сол ба миллати точик кӯхдоманхое аз Бухорои шаркӣ, ки аз сад яки он сарзамини таърихиро мемонад, насиб гардид.

Хуб, ин дарс ва сабаки таърих аст, ки мо бояд хамеша дар ёд дошта бошем. Ба кавли Икболи Лохурӣ:
*Боз бар рафтаву оянда назар бояд кард,*
*Халла бархез, ки андеша дигар бояд кард…*
Андешаи дигар хамин вахдат аст, ки тӯли бисту як сол аст, ки дар борааш мегӯянду менависанд, аммо боз гуфтанихову навиштанихо мемонад. Чаро чунин аст? Чунки ба акидаи мо, роху воситахо ва омилхои таквият бахшидани вахдат интихо надорад, чунонки як давлати маънавибунёди миллӣ мегӯему бунёди он идома дорад. Сохтани чунин давлате, ки хам миллӣ бошаду хам конунбунёд, кори сахл хам нест, он дахсолахо захмат мехохад, сабру тахаммул ва иродаи матини хамагониро такозо дорад. Вахдат ин бедории миллӣ дар мукобили тагофулу хуфтагии ахлокиву маънавист. Миллате, ки сарчамъ набошаду андешаи ояндаро дар заминаи сохтори неруманди кишвардории мутамаддин дар сар надошта бошад, зуд дар доми абармаркудратони дигар мемонад. Бедории миллӣ низоми андешаи миллиро такозо мекунад, ки холиё аксари олимони чомеашинос сари он тахкикот мебаранд. Боз хамон Икбол ба хотир мерасад, ки хушдор дода буд:
*Кудсиёнро субхи ид он соате,*
*Гар шавад бедор чашми миллате…*
Чун нек бингарем, сарчашмаи хамаи бадбахтихое, ки солхо кабл ба сари миллати мо расида буд, таназзули ахлоки хамида буд. Хамон ахлоке, ки дарунмояаш имон ва вичдон аст. Ношукриву бесипосӣ ба дастархони якчоягиву хамбастагӣ чашмони калбхоро кӯр кард, тундравию ифротгароӣ хокими аклхо шуд ва натичааш хамин шуд, ки миллати тамаддунофари точик, ки як вактхо тавассути Чалолиддини Балхӣ фалсафаи вахдати умумичахониро кашф карда буд, худаш ба коми парокандагие бар асоси низои мазхабӣ афтод ва анкариб буд, ки давлатро аз даст бидихад.
Мавлоно тахаммулгароии бесобикаро пахн кард ва хулоса бардошт, ки ин ягона рохи начоти хар миллате дар олами пурмазхаб аст. Хол он ки Мавлонои Рум бузургтарин шахсияти рӯхонӣ ва бунёдгузори андешаи нави исломӣ дар таърихи тамаддуни мо эътироф мешавад. Андешаи тахаммулгароӣ бузургтарин андешаи давлатсозу тамаддунофар то ханӯз бокӣ мемонад ва то кунун инсоният ба чуз ин андеша рохи дигари бакои чамъиятхои худро намедонад.
Холо хам бокӣ мондаанд баъзе галатандешоне, ки динро омили асосии бархамзанандаи вахдат медонанд, бехабар аз он ки махз дин хамчун навъи аз хама пуртаъсири шуури чамъиятӣ дар тахкими давлати миллӣ ва поянда доштани вахдати миллӣ накши муассир дорад. Дину давлат ду гавхаре хастанд, ки наметавонанд бе хамдигар бошанд, гӯиё ба сифати он ки дар як инсон будани ду даст хамеша зарурат дорад. Дин дар магз андар магзи таълимоти худ андешаи вахдати инсонхо ва дар як чомеаи поки ахлокӣ зистани онхоро хамеша талкин кардааст ва мекунад. Дар ояи 103-юми сураи «Оли Имрон» омадааст: «Ва Шумо хама ба китоби Худо чанг занед ва пароканда нашавед ва неъмати Худоро, ки бар шумост, ёд кунед, ки чун душмани якдигар будед, пас, миёни дилхоятон улфат дод ва ба неъмати Худо бо якдигар баробар шудед ва бар каронаи магоке аз оташ будед, пас шуморо аз он рахонид».
Хамин нуктаро Мавлонои бузург хеле дурусту вокеӣ баён фармудааст:
*Давлат хама з-иттифок хезад,*
*Паркандагӣ аз нифок хезад…*
Ихтилоф кардан дар чамоати вохид бузургтарин гунох аст, ки ин нукта дар ояи 105-и

сураи зикршуда низ омадааст: «Ва монанди касоне мабошед, ки баъд аз он ки ба онхо хуччатхо омад, пароканда шуданд ва бо якдигар ихтилоф карданд ва он гурӯхро азоби бузург аст». Махз хамин низоъ варзидан ва наёфтани рохи мусолихатомези халли казияхои бахсбарангез башариятро пайи хам ба фочиахо гирифтор намудааст.
Аз ин хотир, боистӣ, ки ба вахдат хамчун бехтарин неъмат назар карда, на факат онро бояд неку нигах дошт, балки бо амали нек ва хислати хамида ба мероси ояндагон гузошт, хамон тавре ки хиште болои хишт мениханд, вахдат низ бояд беосеб ба пасояндагон ба мерос монда шавад.

**ХАФИЗ РАХМОН, адабиётшинос,**

**устоди Донишгохи миллии Точикистон.**